Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734064,
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби корпоративии ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС "Молия" Оев Анис Давлатович ба диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи "Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илмӣ, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниход шудааст. Таҳлил ва баррасии диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки муҳтаво ва муқаррароти аслии он ба талаботи бандҳои "10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ", "10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", "10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк", "10.16. Системаи мониторинг ва ояндабинии хавфҳои бонкӣ" ва "10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон"- и Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ. Дар шароити рушди низоми молиявӣ ва афзоиши нақши ташкилотҳои маблағгузории хурд дар таъмини дастрасии аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ ба захираҳои молиявӣ, масъалаи самаранокии идоракунии хавфҳо аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Ташкилотҳои маблағгузории хурд дар фаъолияти худ ба хавфҳои қарзӣ, пардохтпазирӣ, бозорӣ, амалиётӣ ва дигар хавфҳои молиявию ғайримолиявӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, такмили усулҳои муайянкунӣ, арзёбӣ, мониторинг ва коҳиш додани хавфҳо яке аз шартҳои муҳими таъмини устувории молиявӣ ва самаранокии фаъолияти чунин ташкилотҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, таҳқиқи роҳҳои муосири танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд мубрам буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллифи рисолаи илмӣ ба маврид дарҷ мекунад, ки набудани механизми муосири идоракунии хавф бо печидагиҳои ҷаҳони муосир ҳамроҳ сурат гирифта, яке аз душвориҳое мебошанд, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳангоми фаъолият ба он дучор меоянд.

Назари муаллиф комилан дуруст аст: идоракунии хавф дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва роҳҳои пешгирии он яке аз масъалаҳои асосиест, ки ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Бо вуҷуди муҳимму саривақтӣ будани мавзуи мазкур, зарурати таҳияи таърифи илман асоснок доир ба он, муаммоҳои марбут ба равандҳои идоракунии хавфҳо ва шинохти онҳо дар ташкилотҳои маблағгузори хурд низ аҳаммияти махсус пайдо намуда истодааст. Дар бозори имрӯзаи бонкӣ ташкилотҳои маблағгузории хурд яке аз рақибоне маҳсуб меёбанд, ки ба таркиби амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ дар бозори бонкӣ таъсир мерасонанд. Ва ин таъсиррасонӣ метавонад як омили дигари афзоиши хавфҳо дар ин муҳит гардад.

Гарчанде, дар самти муаммҳои алоқаманд ба хавфҳои бонкӣ аз ҷониби таҳқиқотчиёни ватанӣ корҳои назаррас ба сомон расонида шудааст, новобаста аз ин, рушди босуръати бозорҳои молиявӣ, пайвастагии рушдёбандаи муассисаҳои молиявӣ ва мураккабии афзояндаи воситахри молиявӣ таҷддиди назари куллии равишҳоро ба танзим ва идоракнии молиявӣ аз ҳарвақта бештар тақозо мекунад. Дар шароити имрӯза, таҳияи фишангҳои муассири танзимгар, ки қодиранд аз зиёдшавии хавфҳои низомӣ пешгирӣ кунанд ва устувории низоми молиявиро аз зарбаҳои беруна эмин нигоҳ доранд, махсусан муҳим гардидааст.

Аз ин нуқтаи назар, такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳам аз ҷиҳати назаривӣ ва ҳам амалӣ зарур ҳисобида мешавад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Дар баррасӣ ва арзёбиҳои илмӣ, навгонии таҳқиқот чун қисми муҳими рисолаи илмӣ ва дастоварди асосии назариявиву методологии унвончӯ ба ҳисоб рафта, дар он мавқеи муаллиф ба таври дидашаванда зоҳир мегардад. Дар алоқаманд ба ин, унвончӯ масъалаи мубрами идоракунии хавфҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд, аҳамияти онҳо дар шароити муосир ва усулҳои танзиму идоракунии онҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, нуктаҳои зеринро ҳамчун навгонии илмӣ пешниҳод намудааст.

1. Дар натиҷаи банизомдарории дидгоҳҳои илмии мавҷуда оид ба механизмҳои танзим ва идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурд аз ҷониби муаллиф таърифи такмилёфта хавфҳо пешниҳод карда шуда, идоракунии хавфи қарзӣ, амалиётӣ, хавфҳои стратегию бозорӣ дар ин ташкилотҳо гурӯҳбандӣ гардида, унсурҳои калидии низоми мазкур аз мавқеи илмӣ таҳлилу тафсир шудаанд. Ҳамчунин, заминаҳои методии идоракунии хавфҳо ва методологияи таҳлил ва арзёбии онҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳқиқ гардидаанд (саҳ. 15-66);

2. Дар заминаи таҳлилу омӯзиши нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд муаллиф, динамикаи онҳо, хавфи муфлисшавии ташкилотҳои маблағгузории хурд, шумораи қарзгирон, дар таҳқиқот ҳаҷми бақияи қарзҳои хурд, тақсимоти онҳо вобаста ба бахшҳои иқтисодиёт ва шаклҳои моликият, сохтори сандуқи қарзӣ ва инчунин вазъи кунунии низоми муқовимат бо хавфҳоро мавриди ташхиси ҳамаҷониба ва асосноккунии илмӣ қарор додааст, ки аз дастовардҳои муҳими унвончӯ мебошад (саҳ. 66-102);

3. Муаллиф ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои асъорӣ самаранокии истифодаи ҳеҷиронӣ ва ҳосилаҳои молиявиро барои идоракунии экспозитсияи асъорӣ асоснок намуда, истифодаи усулҳои метчинг ва неттингро дар арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо пешниҳод кардааст. Натиҷаҳои мазкур аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ба такмили низоми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд мусоидат менамоянд (саҳ. 102-123);

4. Низоми суғуртакунии хавфҳоро муаллиф дар ташкилотҳои маблағгузории хурд такмил дода, истифодаи суғуртаи хавфҳои асъорӣ ва кибериро, суғуртаи кортҳои хизматрасонӣ, ҳамкорӣ бо ширкатҳои суғуртавии ватанӣ ва таъмини кадриро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, худсуғуртакунӣ, ташаккули захираҳо, диверсификатсия, тақсимоти хавф, ҳеҷиронӣ ва таъсиси фондҳои махсусгардонидашуда ҳамчун воситаҳои илмӣ асосноки идоракунии хавфҳо тавсия гардидаанд.

Аз нигоҳи муқарриз, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, масъалаҳои муҳими идоракунии хавфҳоро дар ташкилотҳои маблағгузории хурд фаро мегиранд ва онҳо ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии мавзуи таҳқиқотро фаро мегиранд.

Нуктаи якум муҳити динамикии ташаккули хавфҳо ва таъсири омилҳои дохилию берунаро асоснок намуда, хусусиятҳои хоси шароити Тоҷикистонро ба назар мегирад. Арзиши он дар муайян намудани омилҳои камомӯхташуда, аз ҷумла мавсимияти даромад ва таъсири интиқолҳои пулӣ, зоҳир мегардад.

Нуктаи дуюм маҳдудиятҳои низоми амалкунандаи идоракунии хавфҳоро муайян карда, робитаи онҳоро бо норасоии захираҳои молиявӣ, кадрҳои тахассусӣ, технология ва иттилоот нишон медиҳад. Ин натиҷа барои такмили иқтидори таҳлилии ташкилотҳои маблағгузории хурд аҳамияти амалӣ дорад.

Нуктаи сеюм имконияту маҳдудиятҳои истифодаи ҳосилаҳои молиявӣ, неттинг ва суғуртаро дар шароити бозори молиявии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, истифодаи фарққунандаи онҳоро вобаста ба андоза ва сохтори сандуқи қарзии ТМХ пешниҳод мекунад.

Нуктаи чорум ҷиҳати нисбатан муҳимтарини навовариро дар пешниҳоди механизми ҳамгирошудаи таъмини устувории молиявӣ ифода менамояд. Ҳамгироии интиқоли хавф тавассути суғурта, безараргардонии

омехта ва фишорсанҷии сенариявӣ метавонад ҳамчун заминаи методӣ барои такмили идоракунии хавфҳо арзёбӣ шавад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия дар заминаи омӯзиши мукаммали илмӣ сурат гирифта, ба таҳлили пайдарҳамии адабиёти тахассусии ватанию хориҷӣ оид ба идоракунии хавфҳо ва равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳисоботҳои соҳавӣ, стратегия ва барномаҳои миллӣ такя менамоянд. Дар раванди таҳқиқот унвончӯ аз усулҳои абстраксияи мантиқӣ, таҳлили математикию оморӣ, хулосабарориҳои дедуктивӣ, қиёссозӣ, амсиласозӣ, регрессия ва коррелятсия истифода бурдааст, ки ин имкон фароҳам овардааст то идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд арзёбӣ ва ҷиҳати такмили онҳо тавсияҳои асоснок бароварда шаванд. Хулосаҳои бадастомада натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқотро инъикос намуда, дар онҳо тавсияҳои амалӣ барои ҳалли мушкилоти идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод гардидаанд. Амалисозии ин тавсияҳо ба устувории молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва баландбардории самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.

Диссертатсия аз сарсухан, се боб, нуҳ зербоб, 22 ҷадвал, 16 расм, 11 диаграмма, хулоса, пешниҳод иборат буда, бо истифода аз 165 сарчашма таҳия карда шуда, дар 197 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия "**Асосҳои назариявию методологии танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд**" мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф нақши ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар низоми молиявии кишвар нишон дода, зарурати ташаккули низоми самараноки идоракунии хавфҳоро бо дарназардошти хусусияти фаъолияти онҳо асоснок менамояд.

Дар зербоби 1.1. моҳияти иқтисодии мафҳуми «хавф», фарқи он аз номуайянӣ, таҳаввулоти назарияи хавф ва равишҳои олимони ватаниву хориҷӣ ба масъалаи идоракунии он баррасӣ гардидааст (саҳ.15-34). Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ таърифи муаллифии хавф пешниҳод шуда (саҳ. 29), он ҳамчун таъсири доимии омилҳои дохилӣ ва беруна ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки метавонад боиси коҳиши пардохтпазирии онҳо гардад, шарҳ дода шудааст.

Муаллиф идоракунии хавфҳоро ҳамчун раванди пайваста ва системавӣ арзёбӣ намуда, марҳилаҳои асосии онро - муайянкунӣ, тавсиф, таҳлил, арзёбӣ, гурӯҳбандӣ, интихоби чораҳои идоракунӣ, мониторинг ва назорати самаранокӣ муайян кардааст. Ҳамзамон, объекту субъектҳои низоми идоракунии хавфҳо ва механизмҳои асосии таъсиррасонӣ, аз ҷумла

захиракунӣ, суғуртакунӣ, диверсификатсия, лимитикунонӣ, тақсим ва коҳишдиҳии хавфҳо, пешниҳод шудаанд (Рас. 1.3., саҳ. 31).

Дар зербанди 1.2. ин боби диссертатсия намудҳои асосии хавфҳои хоси ташкилотҳои маблағгузории хурд, аз ҷумла хавфҳои қарзӣ, амалиётӣ ва бозорӣ, инчунин хавфҳои пардохтпазирӣ, фоизӣ ва асъорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, омилҳои пайдоиш ва самтҳои коҳиш додани таъсири онҳо муайян карда шудаанд. Таъкид мешавад, ки барои самаранокии идоракунии хавфҳо ташаккули харитаи хавфҳо, такмили назорати дохилӣ, танзими равандҳои қарздиҳӣ ва таъмини шаффофияти иттилоотӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Ҷанбаи муҳими боб таҳлили методҳои сифатӣ, миқдорӣ ва омехтаи арзёбии хавфҳо мебошад, ки дар зербанди 1.3.-и ин боби диссертатсия матраҳ гардидааст. Муаллиф истифодаи усулҳои таҳлили оморӣ, моделсозӣ, таҳлили сенариявӣ, дисконткунонӣ, коэффитсиенти вариатсия, моделҳои Монте-Карло, мантиқи номуайян ва усули экспертии Delphi-ро баррасӣ намуда (саҳ. 60-64), имкониятҳои истифодаи онҳоро дар арзёбии хавфҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки боби якум заминаи назариявию методологии таҳқиқотро ташаккул дода, барои таҳлили минбаъдаи вазъи воқеии идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва таҳияи пешниҳодҳои амалии такмили он заминаи зарурӣ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи муқарризӣ, ҳаҷми баррасии адабиёт нисбатан васеъ буда, дар баъзе қисматҳо такрори андешаҳо ва тавсифи зиёди назарияҳо мушоҳида мешавад, аз ин рӯ, ҷанбаи таҳлилии мавқеи муаллиф ва навоварии методологии он метавонист боз ҳам возеҳтар ифода карда шавад.

Дар боби дуюми диссертатсия **“Вазъи муосири рушд ва таҷрибаи идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурди ҷумҳурӣ”** таҳлил гардида, заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти онҳо ва нақши Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгари асосӣ қайд шудаанд. Муаллиф бо истифода аз нишондиҳандаҳои солҳои 2016–2024 рушди дороиҳо, сармоя, қарзҳо, пасандозҳо ва дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдиро таҳлил намуда, дар баробари тамоюлҳои мусбат, осебпазирӣ ва мушкилоти мавҷудаи соҳаро муайян кардааст (саҳ. 66-85).

Таваҷҷуҳи асосӣ ба идоракунии хавфи қарзӣ ва асъорӣ равона гардида, сифати сандуқи қарзӣ, динамикаи қарзгирандагон, сохтори қарздиҳӣ ва омилҳои таъсиррасон ба хавф арзёбӣ шудаанд. Муаллиф зарурати такмили баҳодиҳии қобилияти пардохти қарзгирандагон, таҳкими назорати дохилӣ, истифодаи иттилооти қарзӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявиро асоснок менамояд. Ҳамзамон, истифодаи воситаҳои ҳеҷиронӣ барои коҳиши хавфҳои асъорӣ баррасӣ шудааст.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди рушди фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ва такмили низоми танзим, масъалаҳои устувории молиявӣ ва идоракунии самараноки хавфҳо ҳанӯз муҳим боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, муаллиф такмили низоми идоракунии хавфҳо, диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ, рушди суғурта, таҳкими пойгоҳи иттилоотии қарзӣ ва такмили механизмҳои танзимро ҳамчун самтҳои асосии рушди минбаъдаи ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод менамояд.

Дар боби сеюми диссертатсия **"Роҳҳои такмили механизми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон"** баррасӣ гардида (саҳ.123-154), самтҳои асосии коҳиш ва безараргардонии хавфҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ асоснок шудаанд. Муаллиф суғуртаро ҳамчун воситаи муҳими интиқоли хавфҳо арзёбӣ намуда, рушди суғуртаи хавфҳои асъорӣ, киберӣ, кортҳои пардохтӣ ва истифодаи суғуртаи муҷтамаи хавфҳои бонкӣ (BBB)-ро пешниҳод менамояд (Рас.3.1., саҳ. 124). Ҳамзамон, зарурати таҳкими ҳамкории ташкилотҳои маблағгузории хурд бо ширкатҳои суғуртавӣ ва рушди иқтидори касбии мутахассисони соҳаи идоракунии хавфҳо асоснок карда шудааст.

Қисмати муҳими боб ба такмили механизмҳои идоракунии хавфҳои қарзӣ, асъорӣ, фоизӣ, пардохтпазирӣ ва хавфҳои амалиётӣ бахшида шуда, истифодаи диверсификатсия, лимитгузорӣ, худсуғуртакунӣ, ҳеҷиронӣ, назорати дохилӣ, рақамикунонӣ ва кибербехатарӣ пешниҳод мегардад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки барои шароити Тоҷикистон гузариш аз идоракунии парокандаи хавфҳо ба низоми ҳамгирошудаи идоракунии хавфҳо аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Ҷанбаи қобили таваҷҷуҳи таҳқиқот таҳияи низоми мутобиқшудаи фишорсанҷӣ барои ташкилотҳои маблағгузории хурд мебошад, ки ҳам сенарияҳои макроиқтисодӣ ва ҳам микро-таконҳои хоси бахши маблағгузории хурдро дар бар мегирад. Ба сифати омилҳои муҳим коҳиши интиқоли маблағҳои муҳоҷирон, тағйирёбии қурби асъор, тағйирёбии меъёри бозтамвил, бозпасгирии амонатҳо, хавфҳои иқлимӣ ва таконҳои амалиётӣ пешниҳод шудаанд. Ин равиш метавонад барои мутобиқ намудани фишорсанҷӣ ба хусусиятҳои воқеии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд заминаи методологӣ фароҳам оварад.

Дар зербоби 3.3 бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ моделсозӣ ва ояндабинии сандуқи қарзӣ анҷом дода шудааст. Натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ мавҷудияти робитаи қавии байни сандуқи қарзӣ ва як қатор нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро нишон дода, мавҷудияти мултиколлинеариро низ ошкор намудаанд. Дар натиҷаи муқоисаи моделҳо муодилаи дорои се омили асосӣ - шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҳаҷми қарзҳо ва пасандозҳо - ҳамчун заминаи ояндабинӣ интихоб шудааст. Санҷишҳои муқоисавӣ ва оморӣ қобили

истифода будани моделро барои пешгӯии тамоюли сандуқи қарзӣ нишон медиҳанд.

Қобили қайд аст, ки натиҷаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалии дорои аҳаммияти муайян буда, самтҳои такмили идоракунии хавфҳоро дар ташкилотҳои маблағгузории хурд бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодии Тоҷикистон фаро мегирад. Арзиши илмии боб пеш аз ҳама дар кӯшиши ҳамгиро намудани механизмҳои суғуртавӣ, идоракунии дохилии хавфҳо, фишорсанҷиш ва моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, барои баланд бардоштани эътимоднокии хулосаҳо асосноккунии бештари баъзе фарзияҳои моделӣ, санҷиши устувории натиҷаҳо ва дақиқсозии мутобиқати нишондиҳандаҳои интихобшуда ба талаботи методологияи иқтисодӣ зарур мебошад.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нуқтаи назари илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти назаррас доранд. Дар таҳқиқот асосҳои назариявию методологии идоракунии хавфҳо дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳлил гардида, таҷрибаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои қонунгузорӣ, стратегияҳо ва барномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди заминаҳои назариявии идоракунии хавфҳо аҳаммияти илмӣ дошта, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар такмили низоми идоракунии хавфҳо, таҳияи санадҳои меъёрӣ ва татбиқи тадбирҳои танзимӣ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдор истифода шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти амалии ташкилотҳои маблағгузории хурд ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Идоракунии хавфҳо» ва «Бозори молиявӣ» мавриди истифода қарор гиранд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Аз нигоҳи муқарриз, нишондиҳандаҳои нашри натиҷаҳои таҳқиқотро метавон мусбат арзёбӣ намуд, зеро натиҷаҳо дар 12 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 4,5 ҷузъи чопӣ инъикос ёфта, аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА ба табъ расидааст. Ин ҳолат аз интишори кофии натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муаррифии онҳо дар муҳити илмӣ шаҳодат медиҳад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тахияи диссертатсия дар мувофикат бо талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсия, автореферат ва дигар маводхои илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) сурат гирифтааст. Муқаддима ва бахшҳои кори илмӣ, сатхи таҳқиқоти илмӣ, робита бо барномаҳо ва лоиҳаҳо, максад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, фарзия, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, манбаъҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, хамчунин нуктаҳои муҳим, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар бар мегиранд. Илова бар ин, тамоми меъёрҳои техникии диссертатсия, аз ҷумла хаҷм, истифодаи ҷадвалҳо ва расмҳо, ҳамчунин тартиби мураттабории феҳристи адабиёт низ пурра риоя шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, комилан ба маълумоти дохилии диссертатсия пурра мутобиқ ва ба талаботи барасмиятдарорӣ ҷавобгӯй мебошад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия .Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд.

1. Дар таҳқиқот осори илмии муҳаққиқони ватанӣ оид ба идоракунии хавфҳо, рушди низоми бонкӣ ва таҳкими устувории он ба таври ҳамаҷониба истифода нашуда, заминаи манбаъшиносӣ маҳдуд мондааст.

2. Таҳқиқот хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурдро ифода мекунад, аммо таваҷҷуҳи бештар ба хавфҳои қарзӣ ва асъорӣ равона шудааст;

3. Сифати таҳқиқот метавонист боз ҳам баландтар гардад, агар муаллиф ҳангоми таҳқиқи вазъи муосири идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд бо асоснамоии таъсирнокӣ ин ташкилотҳо дар низоми бонкӣ, нишондиҳандаҳои муҳим ва гурӯҳбандии хавфҳои сатҳи баландро муайян ва пешниҳод мекард.

4. Дар масъалаи танзими хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф камтар дида мешаванд.

5. Дар зербанди 3.1.-и диссертатсия муаллиф суғуртаро ҳамчун механизми идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд ва воситаи такмили идоракунии хавфҳо омӯхтааст, ба манфиат мебуд агар унвонҷӯ бо роҳи пурсиш вазъи кунунӣ, номгӯи хизматрасонӣ ва мушкилоти мавҷудаи ин самтро муайян ва натиҷаҳои бадастомадаро дар таҳқиқот инъикос менамуд.

6. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Эродҳои мавҷуда ба сифат ва арзиши илмии диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида хусусияти тавсиявӣ доранд.

Хулоса. Дар маҷмуъ, диссертатсияи тақризшаванда дар сатҳи зарурӣ омода гардида, таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида маҳсуб меравад.

Афтореферати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй буда, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи “Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои дахлдори “Тартиби додани дараҷаи илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз «28» августи соли 2026, №591), ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
котиби корпоративии
ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС “Молия” Оев А.Д.

Имзои Оев Анис Давлатовичро тасдиқ мекунам:

Сардори Департаменти идоракунии
кормандони ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС “Молия” Пиров Т.